## Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 –Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)**

Вобаста ба ташаккул ва таҳаввули забони ӯзбекӣ гуфтан мумкин аст, ки ин забон ба гумони ғолиб як забони нисбатан нав дар марҳилаи ҷудогонаи таърихӣ аст, ки на танҳо аз роҳи иқтибоси вожагон аз забони тоҷикӣ, балки дар заминаи субстратҳои забонҳои шарқии эронӣ, забони форсӣ-тоҷикии аҳди классикӣ ва гӯишу забонҳои туркие, ки дар оғози асрҳои миёна дар Осиёи Марказӣ роиҷ будааст, ташаккул ёфтааст.

Диссертатсия илмии Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои умдаи забоншиносии муқоисавӣ дар робита бо таҳлили қиёсии калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ баррасӣ ва ҳаллу фасл шудааст. Қобили қайд аст, ки мавзӯи интихобшуда дар таҳлил ва таҳқиқи масъалаҳои дузабонии забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ тақозои ҷамъияти имрӯз мебошад.

Солҳои охир дар илми забоншиносӣ ба масъалаи омӯзиши муқоисавӣ ва типологии забонҳои ба ҳам наздик ва ҳатто дур таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мегардад. Чунин муносибати илмӣ ба таркиби забонҳои гуногунсохтор имкон медиҳад, ки ҳам хусусиятҳои умумӣ ва ҳам фарқкунандаи онҳо равшан ва возеҳ гардад, ки он имкони арзёбии масъалаҳои таҳқиқшавандаро аз чанд ҷиҳат муайян менамояд.

Чунин омӯзиши муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ барои муайян намудани мавқеи вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар дигар забонҳо, аз ҷумла, дар забони ӯзбекӣ мусоидат менамояд. Ба дигар маънӣ усули муқоисавӣ – рукни боэътимоди омӯзиши забон маҳсуб меёбад ва ба типологияи муқоисавии забонҳо ва натоиҷи он такя менамояд.

Интихоби мавзӯи таҳқиқшударо аз ҷониби диссертант Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич метавон ҳам мусбӣ ва ҳам мантиқӣ арзёбӣ намуд, зеро иқтибосшавии калимаҳои тоҷикӣ ба дигар забонҳо яке аз масъалаи диққатҷалбкунанда аст.

Мақсади пажӯҳиш муайян намудани таносуби сохторию семантикии забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мебошад. Дар робита ба ин

мақсад дар маркази диққати диссертант Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич ҳалли чунин масъалаҳо ба сатҳи боло гузошта шудааст:

- мутобиқшавии савтии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ;
- таснифи калимаҳои тоҷикӣ аз рӯи дараҷаи истеъмол;
- иқтибоси калимаҳои тоҷикӣ ба маъноҳои гуногун дар забони ӯзбекӣ;
- муродифоти калимаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ;
- таҳлили сохтории калимаҳои тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ.

Кори диссертатсионии Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич фарогири муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқотӣ мебошад.

Бахши муқаддамотии таҳқиқот бозгӯи нуктаҳои асосии диссертатсия, монанди зарурати омӯзиши мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши масъалаҳои асосӣ, мақсаду ҳадафҳои пажӯҳиш, ташреҳи навовариҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, баёни сарчашмаҳову равиши кор мебошад.

Боби якуми диссертатсия "*Мутобиқшавии савтӣ ва дараҷаи истеъмоли калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор*" унвон гирифта, аз ду фасл: "*Мутобиқшавии савтӣ ва хусусиятҳои онҳо*" ва "*Таснифи калимаҳои тоҷикӣ аз рӯи дараҷаи истеъмол*" иборат аст, ки дар бораи масъалаҳои мутобиқшавии савтии вожагони иқтибосии тоҷикӣ ва ичунин дараҷаи истеъмоли калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ баҳс мекунад.

Аз мутолиаи автореферат маълум гардид, ки боби дуюми диссертатсия "*Таҳлили луғавию маъноии калимаҳои тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор*" ном дошта, ба таҳқиқу баррасии хусусиятҳои луғавию маъноии вожагони иқтибосии тоҷикӣ бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия "*Таҳлили сохтории калимаҳои тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор*" унвон гирифта, ба таҳқиқу баррасии сохтории вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ бахшида шудааст.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро пурра иҷро кардааст, як кори пурра ва пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ пурра муносиб ва мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, дар автореферати диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқот хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Дар автореферат иқтибосоти кам оварда шудааст, аз ин рӯ, андешаронии муаллиф норавшан мондааст.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва китобат ба чашм мерасанд (саҳ. 8, 11, 14, 17, 19 ва ғ.).

Дар маҷмӯъ, норасоиҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро онҳо хусусияти таҳририюислоҳшаванда доранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пурраги инъикос ва ифода мекунанд.

Тавре ки аз феҳрасти таълифоти Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич бармеояд, ӯ доир ба мавзӯи таҳқиқотии худ 8 номгӯйи корҳои илмӣ ва илмӣ - оммавӣ нашр намудааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ҶТ ба табъ расидаанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Таҳқиқоти мавриди назар ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 –Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Мудири кафедраи забони тоҷикии
ДТҶТ ба номи С. Раҳимов,
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шафоатов Азал

23. 10. 2020
Ноҳияи Сино, маҳаллаи Лучоб-53
Тел: 985-07-44-19

Имзои Шафоатов Азалро тасдиқ мекунам,
Сардори шуъбаи кадрҳои
ДТҶТ ба номи С. Раҳимов Деҳқонова Зебо